# ВАЛИДАТСИЯИ ҒАЙРИРАСМӢ

## ва омӯзиш

**18 апрели соли равон Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо “Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим” дар конфронсзоли меҳмонхонаи “Ҳаёт”-и шаҳри Душанбе мизи мудаввар перомуни “Валидатсияи ғайрирасмӣ ва омӯзиши спонтанӣ” барпо кард, ки дар он маҷмӯи лоиҳаҳои санадҳои ҳуқуқӣ ва дар ин самт таҷрибаҳои арзишманди Иттиҳоди Аврупо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.**








Дар ибтидои суҳбат сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабалӣ Гулшанзода ва роҳбари лоиҳа хонум Галия Божанова роҷеъ ба масъалаи мавриди назар изҳор намуданд, ки дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе бо дастгирии молиявии Лоиҳаи «Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим» семинарҳои омӯзишӣ ҷараён гирифтанд, ки дар онҳо рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми декабри соли 2017 «Дар бораи тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия» ҳамаҷониба баррасӣ гаштанд. Дар ҷараёни ин семинарҳои омӯзишӣ нуктаҳои қарори болозикр, тартиби амаливу эътироф гардидани салоҳияти калонсолон ва валидатсия комилан фаҳмонида шуданд ва дар асоси бардошти таҷриба аз вохӯриҳои фавқ ва Иттиҳоди Аврупо Гурӯҳи корӣ зарур донист, ки дар ин самт лоиҳаҳои як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди баррасиву тавзеҳ қарор диҳад .

Дар суҳбати мизи мудаввар муовини раиси Комитет оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Оқилзода иштирок дошт ва дар мавриди лоиҳаҳои санадҳои ҳуқуқии “Валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳо ва салоҳият” андешаронӣ намуда, омӯзиши касбу ихтисосҳои замонавиро аз тариқи лоиҳаи мазкур нек арзёбӣ кард.

Саркоршиноси ғарикалидии лоиҳаи мавриди таваҷҷуҳ - “Валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳо ва салоҳият” Крассимир Дечев, ки худ муаллифи он мебошад, дар ҷаласаи пленарӣ роҷеъ ба шароит ва дурнамои санадҳои ҳуқуқӣ суханронӣ кард. Номбурда гуфт, ки валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳову салоҳият, ки аз тариқи омӯзиши ғайрирасмиву спонтанӣ ҳосил мегарданд, тибқи таҳсилоти стандартӣ дар машғулиятҳо барои ба даст овардани тахассус хеле муҳим мебошанд. Аз ин ҷост, ки роҳнамоии касбӣ, омӯзиши касбӣ, таҳсилоти касбӣ, валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳо ва салоҳияти ихтисосҳоро ба феҳристи машғулиятҳои касбӣ ва омӯзиш ворид кардан зарур мебошад. Номбурда дар мавриди сертификаткунонии ҳуҷҷат оид ба тахассуси касбӣ ва сертификат дар бораи валидатсияи тахассуси касбии бахши машғулиятҳо низ андешаронӣ карда, роҷеъ ба ҳадафу вазифаҳои қонуни амалкунанда низ пешниҳодҳои даркорӣ баён дошт.



Ҳамзамон муаллифи лоиҳа дар хусуси низомнома оид ба шароиту тартиби амали валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳову салоҳият, ки аз бахшҳои корҳои ташкилӣ, боздошт, танзим ва маблағгузорӣ иборат буданд, сухан гуфта, ҷараёни валидатсияро муҳим ва дар ин самт қабули як қатор санадҳои меъёриро саривақтӣ донист.

Крассимир Дечев ҳамчунинф зикр кард, ки валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳо ва салоҳият дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва дигар муассисаҳои таълими касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Амалисозии валидатсияи донишҳои касбӣ, малакаҳо ва салоҳият вобаста ба ҳар як ихтисоси мутобиқ ба бозори меҳнат дар заминаи стандартҳои касбӣ таҳия гардидааст. Номгӯи ихтисосҳоеро, ки аз рӯи он ҷараёни амалисозӣ сурат мегирад, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Барои амалисозии валидатсияи ғарирасмӣ ва омӯзиши спонтанӣ аз рӯи ҳар як ихтисос, мутобиқ ба стандартҳои касбӣ, саволномаҳои назарӣ ва маҷмӯи супоришҳои амалӣ таҳия карда мешаванд.

Ба сифати таълимгирандаи калонсол субъектҳои фаъолияти таълим, ки дорои қобилияти амал мебошанд ва ба соҳаи меҳнати музднок ҷалб гардидаанд - бекорон, маъюбони калонсол, хизматчиёни ҳарбии ба эҳтиёт ҷавобшуда, шахсоне, ки дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум адои ҷазо менамоянд, муҳоҷирон ва таълимгирандагон эътироф карда мешаванд. Ба ҳайати таълимгирандагони калонсол инчунин шахсоне тааллуқ доранд, ки бо ягон сабаб мақоми корманди маошгирандаро аз даст додаанд.

Ҷараёни валидатсияи ғайрирасмӣ ва омӯзиши спонтанӣ аз қисмҳои назарӣ ва амалӣ иборат буда, дар қисми назарӣ тавассути ҷавобҳову саволҳои тестӣ ва дар қисми амалӣ бошад, дар ҷойи корӣ барои иҷрои намудҳои мушаххаси фаъолият амалӣ мешавад.

Бояд афзуд, ки дар идомаи суҳбат вохӯрии ибтидоии аъзои Гурӯҳи махсуси лоиҳа барпо гардид, ки он Нақшаи амалро оид ба масъалаҳои меъёрии ҳуқуқӣ баррасиву тасдиқ намуда, вазифаҳоро байни ҳам вобаста кард. Ҳамчунин дар ҷаласаҳои пленарӣ низ масъалаи фавқ мавриди таҳлил ва гуфтугӯи мутахассисону коршиносон қарор гирифт.

Дар хотима натиҷаҳои суҳбатро роҳбари лоиҳа Галия Божанова ҷамъбаст намуда, изҳор кард, ки баргузории ҳамингуна мизҳои мудаввар дар вилоятҳои Суғду Хатлон низ дар назар дошта шудааст.

**Хабарнигори мо**



**МУОВИНИ САРДОРИ РАЁСАТИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТИ Ш. ДУШАНБЕ: 221-19-77**